# ХУЛОСАИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА–035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ)**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13 -уми июни соли 2024, № 12

**Дар бораи сазовор донистани Амроев Умедҷон Мамадхонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

Диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) санаи 15 марти соли 2024 (сурагҷаласаи № 6) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №114/шд аз 19.05.2023с.) барои ҳимоя қабул шуд.

Амроев Умедҷон Мамадхонович соли 1980 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, миллаташ тоҷик мебошад. Мавсуф соли 2003 факултети фарҳангшиносии Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро аз рӯи ихтисоси фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (режиссёри намоишҳои театрикунонидашуда ва идҳо) ва соли 2007 факултети ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро бо

ихтисоси ҳуқуқшинос бомуваффакият хатм намудааст. Дар замони таҳияи рисолаи илмӣ (аз соли 2021) Амроев Умедҷон Мамадхонович унвонҷӯи шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ ва омӯзгори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» буд.

Мавзуи рисолаи номзадии Амроев Умедҷон Мамадхонович таҳти унвони «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» дар ҷаласаи Шурои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ аз санаи 01.06.2021, суратмаҷлиси №5 зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор,  мудири шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Аскаралӣ Раҷабов тасдиқ шудааст.

Амроев Умедҷон Мамадхонович муаллифи 11 интишорот оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ буда, дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намудааст.

Диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дар шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш омода гардида, дар маҷлиси муштараки шуъбаҳои таърихи навтарин ва таърихи санъат аз 01 декабри соли 2023 (протоколи № 10)  муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 аз 04 апрели соли 2024 (суратҷаласаи № 8) диссертатсияро ба ҳимоя тавсия намудааст. Матни автореферати диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар сомонаи расмии Шурои диссертатсионӣ

(www.institute-history.tj) санаи 08.04 2024 ва эълон дар хусуси ҳимоя дар сомонаи расмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://vak.tj/) санаи 11.04.2024 ҷойгир карда шудаанд. Автореферати диссертатсия санаи 07 майи соли 2024 тибқи рӯйхат тавзеъ шудааст.

Диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович бори аввал ба ҳимоя пешниҳод мешавад. Тамоми ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда мувофиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, дар парвандаи шахсии унвонҷӯ қарор доранд.

**Роҳбари илмӣ – Аскаралӣ Раҷабов** - д.и.т., профессор, мудири шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Набизода Ваҳҳоб Машраб** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Таваров Муҳамадулло Султонович** - номзади илмҳои таърих, сардори шуъбаи иттилооти Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи “Ҷумҳурият”.

**Ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд:**

**Муассисаи пешбар** - МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раисикунандаи ҷаласа, омӯзгори кафедраи бойгоншиносии МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода» - номзади илмҳои таърих, дотсент Собиров Нусратулло Иноятович, ташхисгар-номзади илмҳои таърих, дотсент Мамадазимова Майрам Муҳиддиновна ва котиби ҷаласа – Холибоева Нарзной Саидовна ба имзо расида, аз ҷониби ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” - доктори илмҳои филологӣ, профессор Низомӣ Муҳриддин Зайниддин тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи бойгонишиносӣ 16

майи соли 2024, протоколи № 9, баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд. Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 4 нафар номзади илмҳои таърих, инчунин муаллимони калон ва унвонҷӯёни кафедра иштирок доштанд. Муассисаи пешбар дар хулосаи худ иброз менамояд, ки диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад. Муассисаи пешбар хулоса баровардааст, ки дар рафти навиштани диссертатсия унвонҷӯй пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст. Диссертатсия бо назардошти арзиши илмӣ, мубрамӣ, фарогирии масоили таҳқиқот, хулоса, тавсияҳои илмӣ ва сифати иҷроиш ба меъёрҳои банди 31, 33, 34, ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мазмуни асосии рисола дар 11 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, таҷассум ёфтааст. Дар интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**
**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Амроев, У. Театри зодаи истиқлол / Ш. Шарифов, У. Амроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №6. – С. 112 - 117.

2. Амроев, У. Таърихи ташаккулёбии театри касбии тоҷик / У. Амроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №6. – С. 80 - 84.

3. Амроев, У. Марде дар дунёи ҳунар / У. Амроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №10. – С. 134 - 139.

4. Амроев, У. Состояние профессиональных театров Хатлонского областя в годы Великой отечественной Войны (1941-1945) / У. Амроев // Вестник Педагогического университета имени С. Айнӣ (научный журнал). – 2021. - № 3 (92). – С. 269 - 272.

5. Амроев, У. Гулчеҳра Содиқова ва анъанаи иҷроии мусиқии мардумӣ / У. Амроев // Муаррих (маҷаллаи илмӣ – назариявӣ). - 2022. - №2 (30). – С. 163 - 169.

6. Амроев, У. Тӯйдӣ Бобиева ва бунёди театрӣ дар Кӯлоб / А. Раҷабов, У. Амроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. - №12. Ҷ.1. – С. 113 - 117.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида:**

7. Амроев, У. Актриса ва коргузори созанда / У. Амроев // Мизгирдии байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Нақш ва ҷойгоҳи зан дар ташаккул ва пешрафти фарҳанги бадеӣ: анъана ва имрӯз» бахшида ба 70-умин зодрӯзи Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Мастона Эргашева (Иттифоқи композиторони Тоҷикистон, 28 октябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 210 -217.

8. Амроев, У. Вазъи имрӯзаи муассисаҳои фарҳангии вилояти Хатлон дар даврони соҳибистиқлолӣ/ У. Амроев // Маводҳои конференсияи хафтуми байналмилалии илмии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» дар доираи ҷаласаи 36-уми Шурои Ассотсиатсияи байналмилалии Академияи илмҳо. Шурои олимони ҷавони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (19 - 20 декабри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 227 - 235.

9. Амроев, У. Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – эъмори давлати навини миллии халқи тоҷик / У. Амроев // Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

мустаҳкам гардонидани пояҳои истиқлоли давлатӣ» бахшида ба 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 15 ноябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 299 - 302.

10. Амроев, У. Истиқлолият ва бунёди театри касбии Данғара / У. Амроев // Маводҳои 71-мин конференсияи илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Инноватсия дар тиб – аз илм ба амалия» (Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А.Сино 1 декабри 2023). – Душанбе, 2023. - С. 219 - 221.

11. Амроев, У. Аввалин санъатшинос ва мардумшиноси тоҷик / У. Амроев // Ташаккул ва пешрафти санъатшиносӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - С. 370 - 378.

**Ба автореферати диссертатсия чор тақриз ба шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. **Ализода Бахриддини Пирмуҳаммад** – доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

2. **Қурбонов Бахром Раҳмонович** – доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

3. **Ғаффоров Бахтиёр Ваҳобович** – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

4. **Фирдавси Абдулҳамид** – номзади илмҳои таърих, сардори Шуъбаи таърихи нав ва навтарини МД «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

Муқарризон дар асоси баррасии автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) ба аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварии кор ва дастовардҳои илмии унвонҷӯ таъкид намуда, муаллифи диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) сазовор донистаанд.

Интихоби мукарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи фарҳанг, хусусан, театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол дар сатҳи дахлдор таҳкикоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамоянд, ки** бар асоси интихоби дурусту таҳлилу баррасии амиқи адабиёти илмӣ ва бойгонии театрҳои касбӣ аз ҷониби унвонҷӯ ин масоил **коркард карда шуд:**

- вазъи театрҳои касбӣ, фаъолият ва омоданамоии мутахассисони он, робитаи театр бо тамошобин ва дар кадом сатҳ доштан мавриди **баррасӣ карор гирифта,** натиҷагирӣ ва андешаҳои илмии муаллиф **исбот шудааст;**

- андешидани тадбирҳо бобати фаъолияти минбаъдаи муназзами муассисаҳои театрӣ, азнавсозӣ ва мукаммалгардонии мундарича, сохтор ва шаклҳои фаъолияти он бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ;

- тавассути ташкил намудани сафарҳои устодон гузаронидани тренингҳои касбии актёрон оид ба масоили эҷодию иҷроӣ **пешниход шудааст;**

- вобаста ба роҳҳои баланд бардоштани сатҳи касбии ҳунармандони театрҳои касбии вилоят аз ҷониби Вазорати фарҳанг, барпо намудани курсҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисоси ҳунарпешагон дар театрҳои дохил ва хориҷи кишвар, инчунин таҳсили ҷавонони соҳибистеъдод дар муассисаҳои олии театрии хориҷ **таҳлилу баррасӣ гардидаанд;**

**Аҳаммияти назариявии таҳкиқот бо инҳо асоснок карда шудааст,** ки натиҷаи таҳкиқот ва хулосаву пешниҳодҳои он метавонанд аз тарафи

ташкилоту идораҳои дахлдори давлатӣ дар омоданамоии барномаҳои давлатӣ ва нақшаи дурнамои пешрафти фарҳанги кишвар, махсусан муассисаҳои театрӣ истифода шаванд.

Мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар раванди офаридани асарҳо оиди таърихи навини ватанӣ (таърихи фарҳанги кишвар) метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар диссертатсия унвонҷӯ дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори тадқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ – қиёсӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ – системавӣ, муқоисавӣ – таърихӣ ва масъалагузорӣ - таҳлилӣ **истифода шуданд.**

- унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович бо истифода аз маводҳои зарурӣ кулли масоили ба амаломадаи театрҳои касбии вилояти Хатлонро **баён намудааст;**

- дар натиҷаи таҳқиқот собит месозад, ки мушкилот ва норасоиҳо дар рафти амалисозии ислоҳот ва рушди соҳа **ошкор гардиданд;**

- масъалаҳои рушди жанри таърихӣ, ривоҷу равнақи театрҳои касбии вилояти Хатлон ва муайян кардани нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми вилоят **омӯхта шуданд;**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки маълумотҳои диссертатсияи мазкур, далелу рӯйдодҳои таърихие, ки дар он тасвир ёфтааст, натиҷаҳои онро дар пажӯҳиши таърихи фарҳанг ва санъати кишвар ва зимни таҳияи лексияҳои курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Таърихи фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол” дар муассисаҳои олӣ, инчунин дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихону фарҳангшиносон ва санъатшиносон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида

шудаанд кӯмаки воқеӣ расонанд ва ба таври васеъ истифода баранд, **коркард ва ҷорӣ карда шуданд.**

Фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми таърихшиносӣ ва таърихнигории халқи тоҷик, дар даврai шуравӣ қимати бузурги фарҳангиро доро буданд ва то имрӯз ҷойгоҳи махсусро ба худ касб намуданду баёнгари даврai муайяни таърихи халқи тоҷик - давраи Шуравӣ ба ҳисоб меравaнд, **муаррифи карда шуд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки диссертатсия дар мавзуи «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 - 2021)» таҳқиқоти илмии бар асоси дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносону намояндагони маъруфи соҳаи санъат ва фарҳанги вилоят, хулоса пешниҳоду тавсияҳои мукаммали илмӣ собит менамояд, ки унвонҷӯ мақсад ва ҳадафҳои дар назди худ гузоштаро пурра анҷом дода, таҳқиқоти арзишмандеро барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

**Ғояи асосии** таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми:

- дар хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ **асоснок шудааст;**

- унвонҷӯ дар рисолаи таҳқиқотии худ ба ҷанбаҳои алоҳидаи соҳа бештар рӯ оварда, ба таври васеъ аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ, асарҳои нашргардида, санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, **истифода намуда,** рушди ин соҳаро **таҳлил намудааст;**

- дар заминаи манбаъ, сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои фаровони таърихӣ фаъолияти ин муассисаҳо мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта,

мувофикатии бештари натичаҳои муаллиф бо далелҳои пешин **муайян шудаанд.**

- ҳангоми корбарии таҳқиқотӣ диссертатсионӣ усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот **истифода карда шуданд.** Бо ин мақсад, аз сомонаи Вазорати фарҳанг ва дигар манбаъҳои электронӣ, нусхабардории электронии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳа ва амсоли он - таърихият, системанокӣ, масъалагузорӣ, объективият, ки дар асоси рақамҳои оморӣ мавкеи асосиро ишғол менамоянд, истифода гардиданд.

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқоти илмӣ вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлонро ба таври умум мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, ҳолати рушди ин муассисаҳоро дар солҳои истиқлолият таҳлил намудааст. Инчунин, ҳангоми баррасии натиҷаҳои таҳқиқот навгониҳои илмӣ дар мақолаҳои интишоркардаи муаллиф шарҳу тавзеҳи худро ёфтанд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи **«Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)»** таҳқиқоти комили илмӣ буда ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат менамояд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 13 июни соли 2024 доир ба сазовор донистани Амроев Умедҷон Мамадхонович ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ), натиҷа чунин буд: аз 13 нафар аъзои шуро – 13 нафар «ҷонибдор», «муқобил» – нест, «бюллетенҳои беэътибор» – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброхимов М.Ф.**

**13. 06. 2024**